**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**

Бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри 2015 сол

# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ
## оид ба пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Тавсияҳои мазкур аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани ёрии методӣ ба адвокатҳо ҷиҳати тартиб додани истеҳсолоти адвокатӣ зимни амалӣ намудани ҳимоя ё намояндагӣ, таҳия шудааст. Он аз тавсияҳо оид ба тартиб додан ва пешбурди истеҳсолот доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ иборат аст.

Бинобар гуногуншакл будани ёрии ҳуқуқие, ки адвокатҳо мерасонанд, пешбурди истеҳсолот дар дигар шаклҳои истҳсолоти судӣ, намояндагӣ дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ, хизматрасонии ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, тавсияҳои мазкур мақсади ба пуррагӣ дар бар гирифтани ҳамаи соҳахои ҳуқукро надорад ва наметавонад хусусияти истисноӣ дошта бошад. Дар сурати аз ҷониби адвокат пеш бурдани истеҳсолот дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ, тавсияҳои мазкур аз руи шабоҳат татбиқ карда мешавад.

1.2. Дар асоси Кодекси одоби касбии адвокатҳо (қ. 3 м. 10), *зимни амали намудани фаъолияти касбӣ адвокат: содиқона, оқилона, поквиҷдонона, боихтисос, муътақидан ва сари вакт ӯҳдадориҳои худро иҷро намуда, фаъолона ҳуқуқ, озодӣ ва манфиати ваколатдиҳандаро бо тамоми восита ва усулҳое, ки бо қонунгузорӣ манъ нашудааст ҳимоя намуда, Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун ва Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.*

**Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”,** *ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбӣ адвокат ӯҳдадор аст, содиқона, софдилона ва оқилона ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ваколатдиҳандаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя намояд ва сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро, ки ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ӯ маълум гаштаанд, ифшо насозад.*

**Мутобиқи қисми 7 моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” бошад,** *барои иҷро накардан ва ё ба таври*

*дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои касбии худ адвокат тибқи тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.***.**

1.3.Бовиҷдонона ва бонатиҷа иҷро намудани ӯҳдадориҳои касбӣ аз ҷониби адвокат бе омӯхтани маводҳои парванда ва пешбурди сабти дахлдор ғайриимкон аст, аз ҷумла бе тайёрии ҳамаҷониба ба пешбурди парванда (дар зери мафҳуми маводҳои парванда тибқи тавсияи методии мазкур дилхоҳ ҳуҷҷат ва нусхаҳои он, дилхоҳ сабтҳои ба супориш алоқамандбуда, иқтибосҳое, ки дилхоҳ маълумотро вобаста ба парванда дар бар мегиранд, ки ба таври хаттӣ ва ё дар дигар шаклҳои барандаи маълумот анҷом дода шуда бошанд: фотоплёнка, барандаҳои рақамии маълумот ва ғ. фаҳмида мешавад). Ҳамаи маводҳои ба парванда дахлдошта аз ҷониби адвокат дар истеҳсолоти махсус, ки шартан истеҳсолоти адвокатӣ ном бурда мешавад, бояд нигоҳ дошта шавад.

1.4. Қонунгузории амалкунанда дар бораи адвокатура талаботи мустақимеро оиди ҳатмӣ будани пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ пешбинӣ наменамояд. **Лекин зарурияти пешбурди он аз мӯҳтавои қисмҳои 3 ва 5 моддаи 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» бар меояд, ки тибқи он,** ***аз адвокат, кормандони ташкилоти адвокатӣ ва Иттифоқи адвокатҳо талаб кардани маълумот вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои мушаххас манъ аст. Адвокат, ёрдамчии адвокат ё коромӯз-адвокатро вобаста ба ҳолатҳое, ки ба онҳо дар натиҷаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ маълум гаштаанд, ба сифати шоҳид даъват кардан ва пурсидан манъ аст.***
Пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ ҳамчунин аз рӯи мазмуни банди 11 м. 6 Кодекси одоби касбии адвокатӣ зарур аст.

1.5. Пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ бо мақсади барои адвокат қуллай ташкил кардан ва гурӯҳбандӣ намудани маълумот дар ҷараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ваколатдиҳанда, осон кардани кор бо маълумот, манфиатнок истифода бурдани маълумоти ҷамъоварда зимни ташаккул додани мавқеъ бо парванда ва амалӣ намудани он, ба роҳ монда мешавад. Истеҳсолоти дуруст ба тартиб ва барасмият даровардашуда доир ба дигар парвандаҳои шабеҳ низ метавонад ёрӣ расонад, мисол, зимни таҳлили маводи меъёрӣ ва таҷрибаи судӣ, коркарди мавқеъ бо парванда, усулҳои исботкунӣ ва ғ.

1.6.Ғайр аз ин истеҳсолоти адвокатӣ аз ҳама ҳолати манфиатноки тасдиқи далелӣ ҳаҷм ва сифати ёрии ҳуқуқии расонидаи адвокат ба ваколатдиҳанда буда, ҳамчунин метавонад ба сифати далел зимни

ҳимояи адвокат аз даъвоҳои беасоси ваколатдиҳанда доир ба сифати кори адвокат ва дар баҳс оиди ҳаҷми подошпулӣ барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, хизмат намояд.

1.7. Истеҳсолоти адвокатӣ яке аз тарзҳои ҳифз намудани сири адвокатӣ буда; маълумоти дар он мавҷудбуда ва маводҳои он наметавонад ба сифати далел истифода шаванд.

1.8. Ӯҳдадории пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ, зарурияти тасаввуроти ботартиби тасвири фаъолияти амалисозандаи адвокатро пешбинӣ менамояд. Мавҷуд набудани истеҳсолоти адвокатӣ дар ҳолате, ки зарурияти баҳодиҳии сифати кори адвокат ба миён меояд, яке аз асосҳои бевиҷдонона эътироф намудани кори ӯ ба ҳисоб меравад.

1.9. Кодекси одоби касбии адвокат (қ. 11 м.6), адвокатро вазифадор менамояд, ки зимни пешбурди истеҳсолот талаботҳоро, ки дар асоси он маводҳое, ки ба таркиби истеҳсолоти адвокатӣ бо парванда ворид мешаванд, ҳамчунин мукотибаи адвокат бо ваколатдиҳанда, бояд ба таври возеҳ ва якмаъно чӣ тавре, ки ба адвокат тааллуқ дорад ё ин ки аз ӯ бар меояд, нишон дода шавад, ба ичро расонад. Адвокат бояд алоҳида аз маводҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки ба ваколатдиҳанда тааллуқ доранд, истеҳсолот пеш барад.

1.10. Бо мақсади дурӣ ҷустан аз баҳс аз рӯи эҳтимолияти гум шудани ҳуҷҷатҳои аслӣ, ба адвокатҳо тавсия дода мешавад, ки аз рӯи имкон ҳуҷҷатҳои аслии пешниҳоднамудаи ваколатдиҳандаро нигоҳ надоранд ва аз онҳо нусхабардорӣ карда нусхаи онро дар истеҳсолоти адвокатӣ ҷой намоянд. Бо мақсад мувофиқ аст, ки ҳуҷҷатҳои аслиро аз ваколатдиҳанда танҳо дар ҳолати зарурӣ талаб намоянд, агар зарурият ба пешниҳоди ин ҳуҷҷатҳо ба суд ва ё дигар мақомот ба миён ояд. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки додани чунин ҳуҷҷатҳоро ба адвокат ва баръакс ба тартиби хаттӣ қайд намуд.

1.11. Дар тарафи болоии истеҳсолоти адвокатӣ чунин маълумотҳо бояд мавчуд бошад:

- номгӯи сохтори адвокатӣ;
- насаб, ном ва номи падари адвокат, рақами бақайдгирии ӯ дар феҳраст;
- насаб, ном ва номи падари шахси зерҳимоя;
- номгӯи мақомоте, ки парванда дар истеҳсолоти он қарор дорад;
- бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдор ва хусусияти талаботҳои даъвогӣ.

1.12. Дар тарафи болоии истеҳсолоти адвокатӣ мӯҳр (гриф) бо мӯҳтавои зерин мавчуд аст: « Истеҳсолоти адвокатӣ ва маълумоти дар он мавҷуд буда, ки сирри бо қонун ҳифзшавандаи адвокатиро ташкил менамояд наметавонад ба сифати далели айбдорӣ истифода шаванд». Иҷро намудани ин талабот зарур аст, барои муайян кардани он, ки дар маводҳо ва маълумоте, ки ба истеҳсолоти адвокатӣ дохил мешаванд, амали сири адвокатӣ паҳн мешавад.

1.13. Дар тарафи дохилии муқоваи истеҳсолоти адвокатӣ номгӯи маводҳои ба истеҳсолот воридшуда, ҳамчунин бо тартиб амалҳои вобаста ба супориш қабулнамуда ва натиҷаи он бояд нишон дода шавад.

1.14. Бо мақсад мувофиқ аст, ки истеҳсолоти адвокатӣ дар барандаҳои қоғазӣ пеш бурда шавад. Чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, барои кор бо маводҳои парванда дар мурофиаи судӣ истеҳсолот дар барандаҳои қоғазӣ қуллайтар мебошад. Дар баробари ин пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ дар барандаҳои рақамии маълумот иҷозат дода мешавад. Ин метавонад мақсаднок бошад дар ҳолате, ки маводҳои парванда дар ҳаҷми калонанд, ва нигоҳ доштани онро ғайриимкон ва душвор гардонида, ба суд ва ё дигар мақомот бурдани онҳоро дар барандаҳои қоғазӣ мушкил мегардонад.

1.15. Ҳар як адвокат истеҳсолоти адвокатиро аз рӯзи қабули супориш аз ҷониби ваколатдиҳанда тартиб дода ва ин истеҳсолотро на кам аз се сол аз лаҳзаи иҷро намудани шартҳои созишнома нигоҳ медорад. Маводҳои истеҳсолоти адвокатӣ бояд дар муқоваи шаклаш муқарраршуда нигоҳ дошта шуда, бо анҷом ёфтани парванда духта шавад. Тартиби нигоҳ доштани истеҳсолоти адвокатӣ аз ҷониби адвокат ё сохтори адвокатӣ, ки адвокат дар он фаъолияти худро амали менамояд, муайян карда мешавад.

Зимни таҳия намудани тавсияҳои мазкур малакаи бисёрсолаи таҷрибаи адвокатӣ оиди коркарди рафторҳои умумӣ ба фаъолияти адвокатӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Тавсияҳои методӣ дар худ қоидаҳои асосии пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ ва тавсияҳо оид ба таъмини сири адвокатиро, ки ҳар як адвокат бояд зимни кор бо маводҳои истеҳсолоти адвокатӣ ба он пайрави намояд, дар бар мегирад.

## II. Мӯҳтавои истеҳсолоти адвокатӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ

2.1. Яке аз намудҳои муҳими ёрии ҳуқуқии расонидаи адвокатҳо, ин амалӣ намудани ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс бо парвандаҳое, ки

дар истеҳсолоти мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва судӣ қарор дорад, мебошад. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс дар ин мақомотҳо аз адвокат на танҳо донишҳои назариявӣ, балки маҳорати касбиро дар амали намудани он талаб менамояд.

2.2. Барои расонидани ёрии ҳуқуқии соҳибтахассус доир ба ин парвандаҳо, адвокатро зарур аст, ки бо анҷом ёфтани тафтишоти пешакӣ ва ё дар суд то оғози муҳокимаи судӣ ҳаматарафа бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос шуда, аз онҳо иқтибосҳои дахлдор гирад, нусхаи ҳуҷҷатҳои мурофиавиро тайёр карда, қайдҳо намояд, ки барои тартиб додани мавқеи ҳимоя аҳамият дошта бошанд.

2.3. Тавсия дода мешавад, ки нусхаи маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, иқтибос аз маводҳо ва ҳама дигар сабтҳои адвокат бо парвандаи мушаххас, дар шакли истеҳсолоти адвокатӣ, дар асоси тавсияҳои боло нишондодашуда тартиб дода ва нигоҳ дошта шавад.

2.4. Тавсия дода мешавад, ки дар истеҳсолоти адвокатӣ нусхаи ваколатнома (ордер) барои расонидани ёрии хуқуқӣ, рӯйнависҳо, нусха ва ё асли ҳуҷҷатҳои мурофиавии ба мақомотҳои тафтишот ва судӣ пешниҳодшаванда, нусхаи дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ё ин ки иқтибос аз онҳо, нусхаи қарорҳои муфаттиш, ҳукм, қарор ва таъинотҳои судӣ, нусхаи шикоят аз болои қарори муфаттиш ва ё суд, мӯҳтавои баромадҳо дар мурофиаи судӣ, аз ҷумла дар марҳиллаи кассатсионӣ ва назоратӣ, ҳамчунин нусхаҳои таъинот ва қарорҳои ин марҳилаҳо, нигоҳ дошта шаванд.

2.5. Дар ҳолати иштирок намудани адвокат дар ҳаракатҳои тафтишотӣ, зарур аст, ки сабти нишондодҳои айбдоршаванда, шахсони, иштироккунанда дар рӯбарукунӣ, шинохтан ва ғ., ба роҳ монда шавад. Сабтҳои нишондодашуда дар шакли хаттӣ ва ё дар барандаи рақамӣ гузаронида мешавад. Муфид аст, ки бо иҷозати шахси пешбарандаи пурсиш, нусхабардорӣ ва ё аксбардории ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ анҷом дода шавад.

2.6. Дар истеҳсолоти адвокатӣ ҳамчунин маълумотнома оиди санадҳои вохурӣ бо зерҳимоя ва давомнокии онҳо сабт мешавад.

2.7. Бо мақсади қулай истифода бурдани маводҳо вобаста бо хусусияти парвандаи ҷиноятӣ ва ҳаҷми он, зарур аст, ки маводҳои истеҳсолоти адвокатӣ бо тартиби зерин гуруҳбандӣ карда шавад:
а) бо он тартибе, ки маводҳои парванда ҷойгир аст;
б) аз рӯи шахсони алоҳида;

в) аз рӯи лаҳзаҳо (зимни кор бо парвандаҳои калонҳаҷм  ва бисёрҷилда).

2.8. Ҳамаи эродҳое, ки адвокат зимни омӯзиши  маводҳои парванда пайдо мекунад, зарур аст, ки сабт карда шуда ва дар истеҳсолоти адвокатӣ нигоҳ дошта шаванд. Ҳамчунин дар ин маврид варақаҳо ва ҷилди парвандаи ҷиноятӣ кайд карда мешавад, чунки  дар оянда имконияти зудтар маводи заруриро дарёфт намудан ва ба он истинод овардан мавҷуд бошад.

2.9. Дар мурофиаи  судӣ адвокатро зарур аст, ки ба тариқи мухтасар сабти протоколии шахсии худро анҷом диҳад, ки дар он ҳамаи ҳолатҳои барои ҳимоя аҳамиятдошта: нишондоди судшавандаҳо ва шоҳидон, саволҳои ба онҳо ва иштирокчиёни мурофиа додашуда ва ҷавобҳои онҳо, нишондоди коршиносон ва мутахасисон дар суд, аризаҳои муҳим ва дархостҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ сабт карда мешавад.  Аз рӯи имкон зарур аст, ки бо парвандҳои ҷиноятии калонҳаҷм ва бо шумораи зиёди далелҳо рафти мурофиаи судӣ бо воситаҳои сабти овоз (диктофон) сабт карда шавад. Сабтҳои аудиоии мурофиаҳои судӣ на танҳо барои тайёр намудани нутқи ҳимоявӣ барои ҳимояи зерҳимоя, балки  ҷиҳати  тасдиқ намудани дурустӣ  ва асоснокии  эродҳо ба протоколи маҷлиси судӣ, метавонад хизмат намояд.

2.10. Нусхаҳои дархостҳои хаттиро зарур аст, ки дар истеҳсолоти адвокатӣ нигоҳ дошта,  оиди дархостҳои шифоҳии арзшуда ва маводҳои ба суд пешниҳодшуда, сабтҳои дахлдор анҷом  дод.

2.11.  Зимни тартиб додани истеҳсолоти адвокатӣ қоидаҳои зерини техникиро бояд ба анҷом расонид: сабтҳоро танҳо дар як тарафи варақ иҷро намуда, майдонҳои холӣ ҷихати гузоштани қайдҳо монда шавад, чунки онҳо метавонанд минбаъд дар мурофиаи судӣ истифода шаванд.

2.12.  Дар иқтибосҳо аз маводҳои парванда  маълумот оиди ҷилд ва варақаи парванда,  ки аз он гирифта шудааст, аз ҷумла  санаи тартиб додани ҳуҷҷат ва мӯҳтавои кӯтоҳи он нишон дода мешавад.  Агар дар маводҳо ягон камбудӣ ва ё вайрон намудани  тартиби мурофиавӣ мавҷуд бошад (мавҷуд набудани ягон маълумоти ҳатмӣ, сана насаб ва ғ.),  ин ҳам дар истеҳсолоти адвокатӣ дарҷ карда мешавад.

2.13. Ғайр аз иқтибосҳо  аз маводҳои  парвандаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ, дар истеҳсолоти адвокатӣ ҷадвалҳои  маълумотӣ ва нақшаҳо, ки ба адвокат имкони дар парванда маълумоти лозимаро дарёфт намудан хизмат мерасонад, нигоҳ дошта мешавад.  Инҳо бахусус дар парвандаҳои  душвор, бисёрлаҳза ва бисёрҷилда  заруранд.

2.14. Ба хотир гирифтан лозим аст, ки дар асоси муқаррароти КМҶ ЧТ., нусхаи маводҳо ва иқтибосҳо аз парвандаи ҷиноятӣ, ки дар онҳо сири давлатӣ ва дигар сири бо Қонун ҳифзшаванда мавҷуд аст, дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ дар вақти мурофиаи судӣ пешниҳод карда мешавад. Дар робита ба ин, чунин маводҳо дар ягон ҳолат дар истеҳсолоти адвокатӣ наметавонанд нигоҳ дошта шаванд.

2.15. Даст кашидани зерҳимоя оиди аз ҷониби адвокати муайян минбаъд ба ӯ расонидани ёрии ҳуқуқӣ, бо гирифтани дастхат ба расмият даровaрда мешавад.

**III. Мӯҳтавои истеӯсолоти адвокатӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ**

3.1. Истеҳсолоти адвокатӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ аз лаҳзаи қабул намудани супориш барои намояндагӣ намудани манфиатҳои ваколатдиҳанда тартиб дода мешавад.

3.2. Ба адвокат тавсия дода мешавад, ки зимни қабул намудани супориш бо парвандаи гражданӣ хоҳиши пешакии ваколатдиҳандаро ба мувофиқатии он ба талаботҳои қонунгузории амалкунанда таҳлил намуда, дар натиҷаи вохӯрӣ ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳоднамудаи ваколатдиҳанда ба ӯ мавқеи ҳуқуқӣ доир ба парвандаро пешниҳод намояд.

3.3. Дар истеҳсолоти адвокатӣ нусхаи маводҳои тартибдодаи адвокат (мактубҳо, дархостҳо, аризаҳои даъвогӣ, ҷавобҳо, норозигиҳо ба аризаҳои даъвогӣ ва ғ.), ҳамчунин нусхаи ҷавобҳои бадастомада ба онҳо, нигоҳ дошта мешавад.

3.4. Бо мақсади гум накардани ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи аслии ваколатдиҳанда, зарур аст, ки онҳоро бо худ ва ё дар ташкилоти адвокатӣ нигоҳ надоранд. Дар истеҳсолоти адвокатӣ мақсаднок аст агар нусхаи ин хуҷҷатҳоро нигоҳ дорем ва асли онҳоро ба ваколатдиҳанда бар гардонем. Ба инобат бояд гирифт, ки зимни баррасӣ намудани парвандаҳои гражданӣ дар судҳои умумӣ ва ё судҳои иқтисодӣ, таҳқиқ намудани далелҳо бо парванда, ӯҳдадории тарафҳоро ҷиҳати пешниҳод намудани асли маводҳои лозимаро бо талаби суд пешбинӣ менамояд. Дар чунин ҳолат зимни ғайриимкон будани иштироки бевоситаи ваколатдиҳанда дар мурофиаи судӣ, уҳдадории пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои аслӣ ба души адвокат гузошта мешавад. Бинобар ин адвокатро зарур аст, ки аз ваколатдиҳанда хуҷҷатҳои

асliро барои мӯҳлати зарурӣ гирифта ва онҳоро дар истеҳсолоти адвокатӣ нигоҳ дорад (зеро истеҳсолоти адвокатӣ ҳифзи сирри адвокатиро таъмин менамояд) ва вақте эҳтиёҷот ба ҳуҷҷатҳои аслӣ аз байн меравад, онҳоро ба ваколатдиҳанда бар гардонад.

3.5.Зимни супоридани ҳуҷҷатҳои аслӣ ба адвокат, ҳамчунин вақти бар гардонидани он ба ваколатдиҳанда, адвокатро зарур аст, ки дар истеҳсолоти худ санад оиди қабул намудани онҳо ва бар гардониданашон дошта бошад. Мавҷуд будани чунин санад дар истеҳсолот пайдо шудани баҳсро миёни адвокат ва ваколатдиҳанда истисно менамояд.

3.6. Тартиби ҷойгиршавии маводҳоро дар истеҳсолоти адвокатӣ, адвокат ҳуқуқ дорад бо ихтиёри худ муайян намояд. Аммо дар бисёр мавридҳо, мисол, вақте ки даъвои пешниҳодшуда аз ҷумла даъвои муқобил, якчанд талаботҳои даъвогӣ дошта бошанд, барои қуллай будан, бо мақсад мувофиқ аст, ки маводҳои дар истеҳсолот бударо аз рӯи ҳар як талаботҳои даъвогӣ алоҳида (дар шакли файл ва ё тасвир ёфтани ин ҷудокуниро бо рақами парванда) гурӯҳбандӣ намоем.

3.7. Ба таври бояду шояд иҷро намудани супориши қабулнамуда барои пешбурди парванда дар суд, на танҳо тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавиро (аризаҳои даъвогӣ, шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ ба санадҳои судӣ, ҷавобҳо ва норозигиҳо, ариза ва дархостҳо, дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии граждании ва иқтисодӣ), пешбинӣ менамояд, балки иштироки доимии адвокатро дар ҷараёни мурофиаи судӣ талаб менамояд.

Дар ин робита, дар истеҳсолоти адвокатӣ чунин маводҳо нигоҳ дошта мешаванд:

- нусхаи ордер барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ё ваколатнома;
- нусхаи таъиноти суд, ки аз рӯи натиҷаи баррасии парванда қабул шудааст;
- нусхаи ҳаломаи судӣ;
- нусхаи эродҳо ба протоколи маҷлиси судӣ (дар сурати мавҷудият);
- нусхаи таъиноти судӣ оиди қабули эрод ва ё оиди рад кардани он(дар сурати мавҷудият);,
- нусхаи шикояти кассатсионӣ (назоратӣ) ё норозигӣ ба он.

3.8. Даст кашидани ваколатдиҳанда оиди аз ҷониби адвокати муайян минбаъд ба ӯ расонидани ёрии ҳуқуқӣ, бо тартиб додани санад ё

дастхат оиди даст кашидан аз хизмати адвокат ба расмият дароварда мешавад.

**IV. Оиди риоя намудани сирри адвокатӣ зимни пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ**

4.1. Таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ёрии ҳуқуқии сохибтахассус бе риоя намудани сирри адвокатӣ ғайриимкон аст.

4.2. Моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» қоидаи сирри адвокатиро ба ҳолатҳои зерин паҳн менамояд: *далели мурожиат ба адвокат, маълумот дар бораи мазмуни гуфтугуи шифоҳӣ ва хаттӣ бо муштарӣ ба шахсони дигар, ки ба манфиати ӯ мебошад, маълумот дар бораи хусусият ва натиҷаи амали ба манфиати муштарӣ содиршаванда, инчунин дигар ахборе, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқамананд ва маълумоте, ки бинобар иҷрои ӯҳдадориаш дар назди муштарӣ ва адвокат ошкор гардидааст.* Дар ин робита ҳамаи маводҳое, ки чунин маълумотҳоро дар бар мегиранд, хусусияти сирри адвокатӣ доштаро ташкил менамоянд.

4.3. Истеҳсолоти адвокатӣ вобаста ба ҳар як ваколатдиҳанда зарур аст, ки алоҳида нигоҳ дошта шавад ва дар ҳолати зарурӣ ( аз ҷумла барои қуллай будан)- истеҳсолоти адвокатӣ бо ҳар яке аз якчанд парвандаи як ваколатдиҳанда алоҳида нигоҳ дошта шавад.

4.4. Барои он, ки мукотиботи аз адвокат хориҷшуда дар доираи пешбурди истеҳсолоти адвокатӣ тавонад якхела ҳамчун почтаи адвокат ҳаммонанд карда шавад, зарур аст, ки бланкаи фирмавии ташкилоти адвокатӣ истифода шавад; агар ҳуҷҷат дар бланка тартиб дода нашуда бошад, ҳатман бояд қайд шавад, ки ин ҳуҷҷат аз ҷониби адвокат тартиб дода шудааст.

4.5. Баъди ба иҷро расонидани шартҳои шартнома бо ваколатдиҳанда ва ба анҷом расонидани кор бо маводҳои парванда, истеҳсолоти адвокатӣ дар дасти адвокат нигоҳ дошта мешавад.

4.6.Тамоми кормандони сохторҳои адвокатӣ, аз ҷумла ёрдамчиёни адвокат, ки ба истеҳсолоти адвокатӣ иҷозат доранд, бояд дар шакли хаттӣ оиди роҳ надодан ба фош намудани сирри адвокатӣ огоҳ карда шуда ва ҷихати чӣ гуна ташкил кардани кор дар ҷойи кории худ ба онҳо дастурҳо дода шавад, зеро дастрасӣ шудани маълумотро ба шахсони бегона бояд истисно намуд.

4.7.Зимни чорачӯйӣ  ҷиҳати таъмин намудани сирри адвокатӣ дар хотир бояд дошт, ки адвокат ҳуқуқ надорад нақши нигоҳдорандаи олот ва предмети ҷиноятро иҷро намояд ва  супоришҳое, ки бараъло хусусияти ғайриқонуни дорад қабул намояд.

## V. Муқаррароти хотимавӣ

5.1. Назорат ҷиҳати иҷро намудани  талаботҳои тавсияҳои  мазкур,  ба роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ ва мақомотҳои минтақавии Иттифоқи адвокатҳо гузошта мешавад.  Зимнан  иҷозат ба маводҳои истеҳсолоти адвокатии дигар адвокатҳо, роҳбарони маслиҳатхонаҳои  ҳуқуқӣ  ва дигар сохторҳои адвокатӣ  танҳо баъди огоҳ намудан оиди ҷавобгарӣ барои фош накардани  сирри адвокатӣ, дода мешавад.

5.2. Тавсияҳои мазкур, инчунин тағйиру иловаҳо ба он аз лаҳзаи тасдиқ намудан аз тарафи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мавриди амал қарор мегиранд.